# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21.11.2025, №72**

Барои сазовор донистани Нуралиева Дилафруз Камоловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 12 сентябри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №93 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Нуралиева Дилафруз Камоловна 21-уми марти соли 1989 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Нуралиева Дилафруз Камоловна соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 хатм кардааст.

Нуралиева Дилафруз Камоловна аз соли 2012 фаъолияти меҳнатии худро дар ҶСП ТАҚҲ “Спитамен капитал” оғоз намудааст. Номбурда аз 10.12.2012-01.06.2013 ба ҳайси маъмури қарзӣ дар ҶСП ТАҚҲ “Спитамен капитал” фаъолият кардааст. Нуралиева Дилафруз Камоловна 06.06.2013-11.12.2013 дар вазифаи сардори шуъбаи муҳосиботи дохилии ҶСП ТАҚҲ “Спитамен капитал” кор кардааст. Солҳои 2013-2014 дар вазифаи Сардори шуъбаи бэкофис дар ҶСП ТАҚҲ “Спитамен капитал” фаъолият кардааст. Номбурда солҳои 2014-2017 ба ҳайси сардори департаменти бэк-офиси қарзӣ дар ҶСП ТАҚҲ “Спитамен капитал” фаъолият кардааст. Солҳои 2019-2021 дар вазифаи менеҷери минтақавӣ дар в. Суғд, Хатлон ва НТҶ дар ҶСП “Спитамен бонк” кор кардааст. Аз 22.07.2024 сол то инҷониб Нуралиева Дилафруз Камоловна ба ҳайси директори филиал дар ҶСП “Спитамен Бонк” дар ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе кор карда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 30 апрели соли 2020, протоколи №11 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Собирзода Нурали Миралӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

**- Султонов Мусулмон Субҳонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ба диссертатсия хулосаи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи ДДТТ Дустматов Б.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №3, аз 29.11.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 30.10.2025 сол бо имзо ва муҳри муассиса тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуралиева Дилафруз Камоловна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Нуралиева Д.К. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир [Матн]/Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №1. –С.86-91.

[2-М]. Нуралиева Д.К. Оид ба масоили гурӯҳбандии хавфҳои бонкӣ ва таъсири онҳо ба раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ [Матн]/ Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №4. –С.179-185.

[3-М]. Нуралиева Д.К. Сифати сандуқи қарзӣ ва таъсири он ба вазъи молиявӣ-иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] /Д.К.Нуралиева// Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2022. №4. –С.72-79.

[4-М]. Нуралиева Д.К. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва сохтори он дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] /Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2022. №7. –С.116-123.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[5-М]. Нуралиева Д.К. Раванди ташаккулёбии технологияи бонкӣ ва таъсири он ба такмили хизматрасониҳои бонк [Матн] /Д.К.Нуралиева// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои такмили механизмаи молиявию қарзии руди иқтисодиёти миллӣ», (5-уми октябри соли 2021). – Душанбе, -С. 78-86.

[6-М]. Нуралиева Д.К. Масоили баландбардории нақши қарзҳои бонкӣ дар иқтисодиёт [Матн] /Д.К.Нуралиева// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19», (11-уми декабри соли 2021). – Кӯлоб, -С. 60-64.

[7-М]. Нуралиева Д.К. Ҷараёни инкишофи хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] /Д.К.Нуралиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир», (15-уми ноябри соли 2022). – Душанбе, - С. 67-74.

[8-М]. Нуралиева Д.К. Анализ воздействие банковского капитала на развитие экономики Таджикистана [Матн] /Д.К.Нуралиева // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», (22-юми октябри соли 2022). – Душанбе, - С. 67-74.

[9-М] Нуралиева Д.К. Активизация лизинговых операций в банковском секторе Республики Таджикистан / Д. К. Нуралиева // Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства: Сборник научных трудов / Под общей редакцией З.О. Адамановой. – Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2023. – С. 179-182.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзуъ таҷдиди назар гардад.

2. Расми 6, ки тартиби баҳодиҳии маҳсулотҳои нави бонкиро инъикос мекунад, ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст.

**2. Шокиров Равшан Сиддиқович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқ ва фаъолияти гумрукии МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и МД ДБССТ** бо чунин эрод:

1. Хуб мебуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши асосҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ як чадвалро оид ба мафхуми бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия менамуд

**3. Нусратзода Муҳаммади Нусрат - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва инетллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Хуб мешуд агар дар қатори мушкилоти мазкур, ҳамчунин роҳҳои ҳалли онҳо низ дар алоҳидагӣ таҳлилу баррасӣ мегардиданд.

**4. Ҳуейнов Умарҷон Саидакбарович – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, муаллими калони кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар ҷадвали 6 ҷанбаҳои асосии стратегияи рақамикунонии маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро таҳлил намудааст, ки дар он асосан тавсифи умумии ин ҷанбаҳо дарҷ гардидаанд. Аз ин лиҳоз, беҳтар мешуд, агар муаллиф дар баробари тавсифи умумии ҷанбаҳо, ҳамчунин ба дараҷаи самаранокии онҳо низ диққати ҷиддӣ медод.

2. Дар расми 4 муаллиф нишондиҳандаҳои асосие, ки рақобатпазирии бозори хизматрасониҳои бонкиро муайян менамоянд шарҳ додааст, аммо дар он натиҷаҳои эҳтимолие, ки аз истифодаи ин нишондиҳандаҳо ба даст меоянд, таҳия накардааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест. Ташаккур, ба диққататон!

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асосноки муаллифӣ ба нақши калидии навоварӣ дар таъмини рушди устувор ва такмили даврии бозори хизматрасониҳои бонкӣ тамаркуз мекунад. Муаллиф бар ин назар аст, ки рушди устувори бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва беҳтар кардани дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти бонкӣ бевосита аз фаъолона ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои муосири молиявӣ вобаста аст, ки ҳамчун қувваи пешбаранда ва таҳрикдиҳандаи ин бозор амал мекунанд.

- ***исбот шудааст, ки*** дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи баланди тамаркуз (консентратсия) вуҷуд дошта, муаллиф бо

истифода аз индекси Ҳерфиндал Ҳиршман (HHI) рақобатпазирии нокифояи бозори мазкурро нишон додааст.

- ***муайян шудааст, ки*** ҳиссаи калонтарини дороиҳо ва сармояи низоми бонкӣ аз ҷониби се бонки калонтарини тиҷоратӣ назорат карда мешавад ва ин мавҷудияти хавфи баланди олигополия ва тамаркузи қудрати бозорро нишон медиҳад, ки ба ин бозигарони бартаридошта имкон медиҳад, ки ба нархгузорӣ ва шартҳои маҳсулоти бонкӣ ба таври назаррас таъсир расонанд.

- ***муаммоҳои*** дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҷойдошта ошкор шуда, он омилҳое, ки метавонанд ба ҷараёни фаъолияти бозори хизматрасониҳои таъсири манфӣ расонанд, гурӯҳбандӣ гардида, мушаххас гардидааст, ки сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инфрасохтори дастраскунии маҳсулотҳои бонкӣ, тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, мутобиқати хизматрасониҳо ба талаботи муштариён ва ғайраҳо ба фаъолияти бозори макур таъсир расонида метавонанд.

- **арзёбӣ шудааст:** таҳкими сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ – рақамӣ, ба таври васеъ истифода намудани технологияи муосир, хизматрасониҳои фосилавӣ, PC-банкинг, интернет банкинг ва мобайл-бонкинг.

- ***тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) вазъи кунунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоии таъсиррасон таҳлил, тамоюли рушди самтҳои афзалиятноки он баҳогузорӣ ва дар ин асос бо истифодаи усулҳои муосир дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ **муайян шудааст**; б) ошкор шудааст, ки танҳо тавассути истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ ташкилотҳои қарзӣ имконият доранд дар бозор мавқеи устувори рақобатиро касб намоянд; в) бо таҳлили ҳолати бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои асосии рушди минбаъдаи ин бозор муайян гардида, илман асоснок карда шудааст.

- ***омилҳои калидии*** ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсиррасон муайян шудаанд: 1) омилҳои назариявӣ-консептуалӣ (омӯзиши асосҳо, нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи хориҷӣ) барои фаҳмидани хусусиятҳо, давраҳо ва рушди устувори бозор замина фароҳам оварданд; 2) омилҳои инноватсионӣ-технологӣ, ки дар он инноватсия мавқеи калидӣ ва ҳавасмандкунандаи минбаъдаи фаъолияти бозор ва технологияҳои муосири молиявӣ (Fintech) дар баланд бардоштани сифат, тавсеаи номгӯй ва таҳкими хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳамаи ин дар умум дастрасии аҳолиро ба маҳсулоти бонкӣ беҳтар мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо мухтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа,

маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба амалиётҳои рақамии бонкӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст,*** ки сарфи назар аз аҳамияти рақобат барои таҳкими муассисаҳои қарзӣ, вазъи кунунии бозор аз муҳити идеалии рақобат дур аст, ки ба самаранокии бозор ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- ***ғояи*** назарияи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба муносибати байни функсияи қарзӣ-миёнаравии бонкҳо, таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ва нақши онҳо дар беҳтар кардани дастрасии иҷтимоию иқтисодӣ ба захираҳои молиявӣ асос ёфтааст.
- ***исбот шудааст, ки*** бозори хизматрасониҳои бонкӣ яке аз омилҳои муҳими устувории низоми бонкӣ ва дар умум иқтисодиёт дониста мешавад. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун механизми асосии азнавтақсимкунии сармоя, дониста шуда, маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ тақсим менамояд.
- ***омӯхта шудаанд:*** 1) бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ, ки дар рушди муносибатҳои иқтисодии миллӣ аҳамияти зиёд дорад; 2) зарурати ба роҳандозии васеи доираи хизматрасониҳои бонкӣ ва таъмини дастрасии тамоми субъектони иқтисодӣ бо хизматрасониҳои сифатнок нигаронида шудани раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ; 3) зарурати баланд бардоштани сифати маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати роҳёбӣ ба бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ.
- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба ҳамгироии давлат бо бахши бонкӣ арзёбӣ гардида, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии амалиётҳои рақамии бонкӣ мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.
- ***механизми*** баландбардории сифати хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ дар заминаи тақвияти рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва талаботи муштариён ***коркард гардида***, усулҳои болобарии сифати хизматрасониҳои бонкӣ, баландбардории сатҳи эътимоднокӣ дар низоми бонкӣ, роҳандозии усулҳои муосири баҳодиҳӣ ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва тақвияти менеҷменти бонкӣ дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ***тавсия гардидаанд***.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Танзим ва назорати бонкӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 15.02.2024 таҳти №102-а/дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСП «Спитамен Бонк» **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 05.03.2024**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба дурнамои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ***таҳия карда шуданд;*** рушди нишондиҳандаҳои асосии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои минбаъда ***ояндабинӣ*** ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори мазкур ***таҳқиқ шудаанд.***

**-** ***стратегияи*** рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун низоми муайяни муносибатҳои иқтисодие, ки миёни аҳолӣ, субъектони иқтисодӣ, ташкилоту корхонаҳо ва давлат роҳандозӣ мегардад, асоснок шудааст. Ҳамчунин, ошкор шудааст, ки дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мубодилаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи субъектони иқтисодӣ ба таври доимӣ амал мекунад, ки метавонад инкишофи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллиро таъмин созад.

**-** ***пешниҳод шудааст, ки*** барои кормандони дар минтақаҳо фаъолияткунанда бонкҳоро зарур аст, ки курсҳои такмили ихтисос ташкил намоянд ва аз савияи дониши онҳо пайваста огоҳ бошанд, зеро омили мазкур ба сифатнокии хизматрасонҳои пешкашшаванда таъсир расонида, мавқеи бонкро дар бозор муайян менамояд.

**- Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, таъсири давлат ба бахши бонкӣ, хизматрасонии фосилавии бонкӣ, ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ***пешниҳод гардидааст***.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи баланд бардоштани нақши давлат дар танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳия ва чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: 1) Ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ зарур аст, ки низоми 24/7 васеъ роҳандозӣ гардад ва истифодаи низомҳои Facebook Messenger, Google Hangouts ва барномаҳои мобилии ба инҳо монанд аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба роҳ монда шаванд; 2). Дар ташкилотҳои қарзӣ оид ба коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ шуъбаи махсус ташкил шавад, то тавонанд тақозои муштариёнро қонеъ созанд ва фаъолияти густурдаро роҳандозӣ намоянд; 3). Шартномаҳои қарзӣ бояд такмил дода шаванд, чунки шартномаҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратии кишвар яктарафа таҳия мегарданд ва мнафиатҳои соҳибкорон ба инобат гирифта намешаванд. Шартномаҳо бояд дар асосии ҳамкории дуҷонибаи бонк бо соҳибкор таҳия карда шаванд, то ки ба манфиати ҳарду ҷониб бошанд.

**-** ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 83,4% ва 81,25% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи мукаммалгардонии ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши

муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши амалиётҳои рақамии бонкӣ дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 9 мақола, аз он ҷумла 4-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1, 10.10, 10.15, 10.19 ва 10.22-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 аз санаи 21.11.2025 қарори сазовор донистани Нуралиева Дилафруз Камоловна бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**21 ноябри соли 2025.**